**Дар ҳуқуқи дастнавис**

**САМАДОВ РУСТАМ ИСОҚОВИЧ**

# ИДОРАКУНИИ ТАШАККУЛИ ИҚТИДОРИ ИННОВАТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо, менеҷмент)

## А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И

рисолаи номзадӣ барои дарёфти
дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

**ДУШАНБЕ – 2018**

**Кор дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия
**Азизов Шоазиз Самиевич**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

**Муқарризони расмӣ:** **Раҷабов Раҷаб Кучакович**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

**Раҳмонов Ҷалолиддин Равшанқулович**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

**Муассисаи пешбар:** **Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дифоъ 15-ми сентябри соли 2018 соати 13-00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-029 назди Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия ва дар суроғаи 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯч. Мирзо Турсунзода 30 баргузор мегардад.

Бо матни рисолаи номзадӣ дар китобхонаи Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон ва аз сомонаи расмии Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон: www. rtsu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «05» августи соли 2018 фиристода шуд.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Шодиева З.Н.**

# 1. ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ.** Равандҳои ҷаҳонишавие, ки дар асри XXI сурат гирифта истодаанд, самтгириҳои трансформатсияро ба вазъи постиндустриалӣ тавассути марҳилаи сифатан нави рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ тақвият медиҳанд. Дар асоси гузариш ба навъи инноватсионии такрористеҳсол аҳамияти иқтидори инноватсионӣ ҳамчун захираи моҳияти стратегӣ дошта ва манбаи беназири рушди иқтисодӣ афзоиш меёбад.

Пойдоршавӣ ва рушди иқтисодиёти инноватсионӣ тадбиқ ва амалисозии сиёсати миллии инноватсионӣ пешбинӣ менамояд, ки ҳавасмандсозии равандҳои инноватсиониро бо иштироки давлат, бунёди институтҳо ва механизмҳои истифодаи иқтидори инноватсиониро ба таъмини рушди иқтисодӣ дар кишвари аграрию индустриалӣ дар назар дорад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаолгардониии равандҳои воридшавӣ ба иқтисодиёти инноватсионӣ бо назардошти ташаккули ҷараёнҳои низоми милли инноватсионӣ ва идоракунии равандҳои ташаккули иқтидори инноватсионӣ фавқулода актуалӣ мебошад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз 22.12.2017 қайд карда мешавад, ки "пешрафти ояндаи Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад"[1]

Бинобар ин, ҷустуҷӯи самтҳои мукаммалгардонии равандҳои идоракунӣ ва ташаккули иқтидори андӯхташудаи инноватсионӣ ва эҷоди унсурҳои нави он, ки рушди доимии инноватсионии иқтисодиёти миллӣ, муайян намудани имкониятҳои тамаркузи он дар шароити махсуси ташаккули низоми муносибатҳои бозорӣ, маънидоди роҳҳо ва шаклҳои такмилдиҳии механизми татбиқи иқтидори инноватсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоҷагии миллиро касб менамояд, ки интихоб ва аҳамияти таҳқиқи илмии мазкурро муайян намуданд.

**Дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯъ**. Асосҳои назариявию методологии танзими давлатии рушди иқтисодӣ ва механизмҳои такмили он аз ҷониби чунин иқтисодчиёни хориҷӣ, ба монанди Дж. Бюкенен, Д. Белл, Ҷ. Гэлбрейт, Е. Домар, Г. Я. Корнаи, С. Кузнетс, Ҷ. М. Кейнс, Н. Калдор, Д. Норт, В. Оукен, У. Ростоу, П. Сорокин, Ҷ. Стиглиц, П. Самуэлсон, Р. Солоу, А. Тойнби, А. Тоффлер, Р. Тиболд, Я. Тинберген, О. Уилямсон, Р.Харрод, Ф. Хайек, Р.Шумпете, . Р. Лукас, Г. Мэнкю, П. Ромер, Д. Уэйл ва дигарон матраҳ гардидаанд. Дар корҳои онҳо манбаъҳо, омилҳо, механизмҳо ва амсилаҳои рушди иқтисодӣ, проблемаҳои рушди иқтисодӣ дар шароити бозор асоснок карда шудаанд.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз 22.12.2017.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқи** инноватсияҳо ҳамчун омили рушди иқтисодӣ дар корҳои олимон-иқтисодчиёни хориҷӣ Ф. Котлер, Й. Шумпетер, Ф. Янсен, ва корҳои А.Б.Бузгалин, А.Н. Василев, В.Д.Горшков, С.В.Губанов, Г.Д.Завлин, Е.М.Кретова, Г.А.Морозова, В.М. Кулков, В.А. Пороховский, К. А. Хубиев, А.М. Татаркин, В.С.Тимофеев, Э.АУткин, Р. М. Фатхутдинов ва дигарон омаадааст.

Дар корҳои илмии олимони Тоҷикистон натиҷаҳои таҳлили раванди ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ ва фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ (Комилов С.Ҷ.), ташаккулёбии унсурҳои низоми миллии инноватсионӣ (СМИ) ва амали мутақобилаи онҳо (Файзуллоев М.К.) баён гардидаанд.

Инчунин, нуктаҳои назари муаммои таъмини рушди иқтисодӣ дар асоси истифода ва идоракунии иқтидори инноватсионӣ дар корҳои олимони иқтисодчии ватанӣ Х.Б.Раҳматов, З.С.Султонов, Д.С.Амонова, Г.Ш.Алиева, И.С.Ашӯров, У.С. Ҳикматов, Эрка Раҷабов, Т.Т. Набиев, Д.Р.Раҳмонов. А.Д.Ҷабборов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аммо зарурати тавсеаи дастгоҳи мафҳумӣ, методҳои арзёбӣ ва таҳлили равандҳои ташаккули иқтидори инноватсионӣ ва сохтори он то ҳол боқӣ мондааст. Ҷустуҷӯ ва муайян намудани усулҳои такмили идоракунии раванди ташаккули иқтидори инноватсионии иқтисодиёти миллӣ бо назардошти амалигардонии масъалаҳои дарозмуддати стратегӣ низ актуалӣ мебошанд.

**Ҳадаф ва вазифаҳои асосии омӯзиш.** Ҳадафи кор рушд додани муқаррароти назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ доир ба ташаккули иқтидори инноватсионии иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад. Дар чаҳорчӯби ҳадафи таҳқиқи диссертатсионӣ **вазифаҳои** зерин пешниҳод шуда ҳал гардиданд:

- ифшои мухтаво ва сохтори иқтидори инноватсионии иқтисодиёт ва дар ин асос таҳқиқи рушди иқтисодии иқтисодиёти миллӣ;
- таҳлили равандҳои амалигардонии инноватсия, ки вобастагии унсурҳои сохтории иқтидори инноватсиониро ошкор менамояд;
- ҷудо ва асоснок намудани хусусиятҳои амнияти ииноватсионӣ дар раванди ташаккули иқтидори инноватсионӣ;
- омӯзиши асосҳои методии ташаккули механизими идоракунии иқтидори инноватсионии иқтисодиёти миллӣ;
- нишон додан, муайян намудан ва таҳлили омилҳои боздорандаи истифодаи иқтидори инноватсионӣ;
- муайянкунии самтҳои бартаридоштаи иштироки давлат дар ташаккули иқтидори инноватсионие, ки рушди босифати иқтисодиёти миллиро таъмин мекунад.

**Соҳаи таҳқиқ** ба шиносномаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.01.05 – иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ(идоракунии инноватсияҳо) мувофиқ аст: Зербанди 2.3. Ташаккули муҳити инноватсионӣ ҳамчун шарти муҳимӣ амалигардонии инноватсияҳои самарабахш. Муайян намудани тарз, шакл ва усулҳои бунёди шароити мусоид баҳри амалигардонии фаъолияти инноватсонӣ. Роҳҳои беҳтар намудани муҳити

сармоягузорӣ. Зербанди 2.9. Баҳодиҳии иқтидори инноватсионии низоми иқтисодӣ. Зербанди 2.18. Таҳияи стратегияҳо ва фарзияҳои вазъитии дурбинонаи сиёсати инноватсионӣ ва инвеститсионии низоми иқтисодӣ бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонии илмии андохташуда.

**Объекти таҳқиқ** раванди ташаккули иқтидории инноватсионии иқтисодиёти миллӣ нигаронидашуда ба роҳи инноватсионии тараққиёт мебошад.

**Предмети таҳқиқ** муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар раванди ташаккулёбии идоракунии иқтидори инноватсионӣ ҳамчун шарти таъмини пойдоршавии иқтисодиёти инноватсионӣ ба вуҷуд меоянд.

**Асосҳои методологӣ, назариявӣ ва иттилоотии таҳқиқ** корҳои бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи назария ва амалияи назарияи иқтисодӣ, назарияи рушди инноватсионӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ мебошанд.

Дар раванди таҳқиқ равишҳои умумиилмӣ ва методҳои таҳлили низомвӣ ба кор бурда шудаанд.

**Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқ** санадҳои қонунгузорӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъалаҳои рушди инноватсионӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои таҳлилӣ ва маълумоти Агентии омории назди Президенти ҶТ, корҳои дар матбуоти даврӣ нашршуда, натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии муаллиф ва захираҳои интернет мебошанд.

**Навоварии илмии таҳқиқи диссертатсионӣ** аз ҳалли проблемаи илмии ташаккулёбии иқтидори инноватсионӣ ҳамчун шарти таъмини рушди босифати иқтисодиёти миллии Ҷумҳурри Тоҷикистон иборат мебошад. Натиҷаҳое, ки унсурҳои навоварии илмии таҳқиқро ташкил медиҳанд, ба даст омаданд, ва **барои дифоъ муқаррароти зерин пешниҳод карда мешавад**:

- Далелнок намудани вазъи мундариҷа ва сохтори иқтидори инноватсионии иқтисодиёти миллии қабулшаванда дар заминаи назарияи рушди инноватсионӣ ва фарққунонии фаҳмиши васеъ ва танги иқтидори инноватсионӣ. Амиқ шудааст, ки дар маънои васеъ иқтидори инноватсионӣ ҳамчун қобилияти низоми иқтисодӣ ба табодул ва пешрафт, ва дар маънои танг – ҳамчун ҳаҷм ва сифати захираҳое баромад мекунанд, ки қодиранд рушди иқтисодиро дар асоси фаъолноксозии фаъолияти инноватсионӣ таъмин намоянд. Сохтори иқтидори инноватсиони иқтисодиёти миллӣ ҳамчун маҷмӯи сегментҳои илмию техникӣ, таҳсилотӣ, сармоягузорӣ ва иттилоотии макронизоми иқтисодиёт муаррифӣ гардидааст;
- Зарурияти истифодабарии амали такрористеҳсолӣ барои фаҳмиши иқтидори инноватсионӣ маънидод карда шудааст. Равандҳои ташаккулёбӣ, маблағгузорӣ, ҷорикунӣ ва татбиқи инноватсияҳо дар робитаи мутақобилаи унсурҳои сохтории он, ки дар раванди навъи инноватсионии такрористеҳсолӣ дарҷ мегарданд, асоснок карда шудаанд. Муайян карда шудааст, ки робитаи мутақобилаи иқтидори инноватсионӣ ва дараҷаи татбиқи он бо рушди иқтисодӣ унсури муҳимтарини низоми миллии инноватсионии мегардад;

- Асоснок карда шудааст, ки тахти мафҳуми механизми идоракунии равандҳои ташаккули нерӯи инноватсионӣ дарк кардани низоми унсурҳои бо ҳам алоқаманд зарур аст, ки тавассути онҳо тараққиёти ягонаи мунтазами пурсамари нерӯи инноватсионӣ таъмин карда мешавад. Ҳамаи ин унсурҳо бо ҳам робитаи қавӣ дошта, бо якдигар таъсири мутақобила нишон медиҳанд. Механизми идораи фаъолияти инноватсионӣ – мафҳуми мураккаб ва бисёрпаҳлӯ ҳисоб ёфта, тағйирпазирии доимӣ ва такомули минбаъда аз хусусиятҳои хоси он мебошад. Дар шароити бозори табодули шартҳои объективии истеҳсолот ба назар расида, муносибатҳои истеҳсолӣ низ тағйир мепазиранд. Ин вазъият тақозо мекунад, ки механизми идораи фаъолияти инноватсионӣ ҳамеша такомул ёфта истад. Қисмати асосии он бошад, муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ буда, дар навбати худ муносбатҳоеро дар бар мегирад, ки дар раванди идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ба миён меоянд.

- Рушди назарияи мавҷудияти робитаи бевосита байни идоракунии иқтидори инноватсионӣ ва амнияти инноватсионии иқтисодиёт ҳамчун унсури муҳимтарини амнияти умумии иқтисодӣ ва зарурияти воридкунии ду зернизомҳои бо ҳамдигар робитаи мутақобила дошта ва яктигарро пурракунанда ба мӯҳтавои амнияти иқтисодӣ асоснок карда шудааст: 1. Асосӣ - объектҳои амнияти инноватсионӣ ҳамчун илм ва мутахассисҳо, таҷҳизоти илмию технологӣ, маҳсулот ва хизматрасониҳо, инфрасохтори воқеӣ ва бозорӣ. 2. Хизматрасонанда – субъектҳои иқтидори инноватсионӣ ҳамчун сармоягузориҳо, менеҷмент, маркетинг ва ғ.

- Хусусияти маҳдудии сарчашмаҳои маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ, асосҳои рушди муосири он муайян ва мухтасар замина карда шудааст. Маънидод карда шудааст, ки ҳанӯз ташаккул наёфтани бозори инноватсияҳо, “фишор” ба гурӯҳҳои дар нигаҳдории сохтори иқтисодиёти анъанавӣ мустақиман манфиатдорро бештар тақвият дода, печидани онҳо бо бюрократияи бисёрпаҳлӯ шароити мусоидро барои тараққиёти равандҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бунёд наменамояд;

- зарурати иштироки давлат дар ташаккул додани иқтидори инноватсионӣ ва самтҳои афзалиятноктари дахолати давлат ба фаъолноксозии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ асоснок ва муайян карда шудааст. Тавсияҳо оид ба мукаммалгардонии идоракунии равандҳои ташаккули иқтидори инноватсионии таъминкунандаи рушди босифати иқтисодиёти мамлакат пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Аҳамияти назвариявии натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ дар рушди назарияи идоракунии равандҳои ташаккули иқтидори инноватсионӣ ва фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ иқтидори сохтормуайянкунандаи таъминкунандаи рақобатпазирии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ зоҳир меёбад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** аз он иборат мебошад, ки натиҷаҳо, хулоса ва пешниҳодҳои овардашударо мақомотҳои давлатӣ ҳангоми ташакули барномаҳо ва стратегияҳои дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии рушди

равандҳои инноватсионӣ, инчунин ҳангоми ташаккули низоми инноватсионӣ ва муайянкунии сатҳи таъсири иқтитори инноватсионӣ ба стратегияи рушди милли истифода мебаранд.

**Муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқи диссертатсиониро** метавон барои такмили барномаҳои таълимии мактабҳои олӣ зимни омӯзиши фанҳои “Назарияи иқтисодӣ”,“Микроиқтисодиёт” “Макроиқтисодиёт”, “Иқтисодиёти инноватсионӣ”, “Иқтисодиёти миллӣ”, инчунин курсҳои махсус оид ба омӯзиши назарияти иқтисодиёти инноватсионӣ тавсия дод.

**Фарзияи кории таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки рушди иқтисодиёти мамлакат дар асоси мукаммалгардонии идоракунии равандҳои ташаккули иқтидори инноватсионии таъминкунандаи имкониятҳои рушди инноватсионӣ дар шароитҳои махсуси ташаккули механизимҳои бозоргонӣ мумкин аст ноил гардад.

**Санҷиши натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ**. Муқаррароти асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар конференсияҳо ва семинарҳои илмию назариявие, ки дар солҳои 2011 – 2017 баргузор гардидаанд, мавриди санҷиш қарор гирифтанд. Аз рӯи кори диссертатсионӣ 37 кор бо ҳаҷми 11,4 ҷ.ч. (аз ҷумла, хаф мақола дар нашрияҳои шомили феҳрасти КОА ФР ва ЧТ) ба чоп расидаанд.

**Сохтори кори диссертатсионӣ** бо ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ муайян гардидааст. Рисола дар 162 саҳифаи матни асосӣ чоп шуда, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб ва хулосаро дарбар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда бештар аз 200 номгӯйро ташкил медиҳад. Рисола аз ҷадвалҳо, нақшаҳо ва расмҳоро иборат мебошад.

**Дар муқаддима** аҳамият, сатҳи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ифода ёфтаанд.

**Дар боби I “Асосҳои назариявии раванди ташаккулёбии иқтидори инноватсионӣ”** моҳият ва муҳтавои категорияи “иқтидори инноватсионии иқтисодиёти миллӣ” кушода дода шуда, консепсияҳои назариявии ташаккулёбии иқтидори инноватсионӣ ва робитаи он бо рушди иқтисодие, ки дар назарияҳои гуногуни мактабҳои иқтисодӣ баён гардидаанд, мавриди омӯзиш қарор гирифта, таҷрибаи хориҷии татбиқи иқтидори инноватсионӣ ва имкониятҳои мутобиқ гардонии он ба шароити иқтисодиёти миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор дода шудааст.

**Дар боби II “Сатҳи рушди иқтидори инноватсионии Тоҷикистон”** андозаҳои асосии иқтидори инноватсионӣ бо назардошти ҷунбишҳои сохторие, ки дар иқтисодиёти миллӣ сурат мегиранд, мавриди таҳқиқ қарор гирифта, вазъи воқеии иқтидори инноватсионӣ ва таъсири он ба рушди босифати иқтисодиёт арзёбӣ шуда, хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми миллии инноватсионӣ дар заминаи такмилёбии иқтидори инноватсионӣ кушода дода шудаанд.

Дар боби **III “Самтҳои рушди иқтидори инноватсионии иқтисодиёти миллӣ”** проблемаҳои ташаккули сармояи инсонӣ ҳамчун унсури пойгоҳии иқтидори инноватсионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, рушди соҳибкории

инноватсионӣ ҳамчун шарти рушди иқтидори инноватсионӣ арзёбӣ гардидаанд.

Дар **хотима** дар асоси таҳлили ҷамъбасткунандаи назариявию амалӣ хулосаҳои илмӣ доир ба ташаккул додан ва истифодаи иқтидори инноватсионӣ дар иқтисодиёти миллӣ дар марҳилаи кунунии рушди иҷтимоиию иқтисодии Тоҷикистон ифода гардидаанд.

**II. Муқаррароти асосие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд**

**Дар чаҳорчӯби натиҷаии аввали илмӣ** муҳтавои назариявӣ ва сохтори иқтидори инноватсионии иқтисодиёт кушода дода шудааст.

Асоси фаъолият ва рушди устувори низоми хоҷагӣ таъмини рушди босуботи иқтисодӣ мебошад. Таҳия ва ҷорикунии инноватсияҳо дар раванди истеҳсолот дар шароити муосир бевосита ба сифат ва устуворин рушди иқтисодии низоми хоҷагӣ таъсири мустақим мерасонад. Аз 80 то 95 дарсади рушдёбии ММД дар кишварҳои мутараққӣ асосан аз ҳисоби технологияҳо, маснӯот ва таҷҳизоте таъмин карда мешаванд, ки бо истифодаи донишҳо ва ҳаллҳои навтарини технологӣ ба даст омадаанд[2].

Ҷорӣ намудани инноватсияҳо усули беназири баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва беҳтарсозии сифтаи маҳсулот ва хизматрасониҳо мебошад. Ин дар навбати худ ба ширкатҳои миллӣ имкон медиҳад,ки ба рақобати бозорӣ тоб оварда, рушди устувори иқтисодии тамоми низоми хоҷагӣ таъмин гардад.

Омӯзиши консепсияҳои мухталифи инноватсионӣ имкон дод махсусияти мӯҳтавои "инноватсияҳо" кушода дода шавад, ки аз тағйири вазифаи асосии фаъолияти инноватсионии субъектҳои иқтисодӣ ва давлат дар раванди такрористеҳсолӣ иборат мебошад.

Дар рисола категорияи "иқтидори инноватсионӣ", нақш ва аҳамияти он ҳамчун омили низомии рушди иқтисодӣ мушаххастар ва васеътар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки гузаронидани таҳлили амиқи мафҳуми иқтидори инноватсиониро аз мавқеи макроиқтисодӣ тақозо намуд.

Дар шароити муосир муносибатҳои мавҷуда ба муаммоҳои ташаккулёбӣ ва истифодаи иқтидори инноватсионӣ характери фрагментарӣ ва ҳатто ихтилофнокро доро мебошад. Ҳамин тариқ, дар баъзе мавридҳо иқтидори инноватсионӣ ба иқтидори илмию техникӣ баробар карда мешавад, ё ки он ҳамчун миқдори муайяни иттилооти андӯхтшуда дар бораи корҳои илмию техникӣ, ихтироот, коркардҳои лоиҳавию конструкторӣ, намунаҳои техника ва маҳсулоти нав" муаррифӣ гардидааст[3]. Иқтидори инноватсионӣ ҳамчун "низоми омилҳо ва шароитҳои барои амалисозии раванди инноватсионӣ зарур"[4] таъбир карда мешавад, ки ба таври назаррас воқеиятро содда гардонида, соҳаи бакорбарии ин категорияи мураккабтаринро танг месозад.

---

[2]Комилов С.Дж., М.К.Файзуллоев, Проблемы становления и развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан. Монография .-Душанбе: „Ирфон„ 2017 - 192с.

[3] Жиц Г.И. Инновационный потенциал. — Саратов.: Сарат. гос. техн. ун-т, 1999. — 164 с.

[4] Краюхин Г.А., Шабайкова Л.Ф. «Закономерности и тенденции инновационными процессами» СПБ.: СПбГИЭА, 1995.

Дар шарҳи иқтидори инноватсионӣ аксар вақт ба қобилияти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ба истеҳсоли маҳсулоти илмғунҷоише, ки ба дархостҳои бозори глобалии ҷаҳонӣ ҷавобгӯ ҳастанд, таъкид карда мешавад[5]. Дар ин маврид иқтидори инноватсионӣ шадидан ба сатҳҳои мушаххаси соҳавии иқтисодиёти миллӣ пайваст карда шудааст ва ин соҳаи бакорбарии онро маҳдуд месозад. Илова бар ин, аз ин замина намудҳои дигари инноватсияҳо: менеҷмент – инноватсия, сервис – инноватсия, консалтинг – инноватсия ва ғ., ки дар шароити бозор аз аҳамияти калон бархурдоранд, меафтанд.

Дар корҳои илмӣ зимни муайян намудани иқтидори инноватсионӣ таъкиди асосӣ ба ниҳодҳо ва шаклҳои он ё ба мушаххас намудани сатҳи инноватсионӣ (ширкат, соҳаи иқтисодиёт, иқтисодиёти миллӣ, иқтисодиёти глобалӣ) карда мешавад.

Дар кор таҳти мафҳуми иқтидори инноватсионӣ он ҳаҷм ва он сифати захираҳои иқтисодие фаҳмида мешаванд, ки онҳоро дар ҳар як давраи мушаххас ҷомеа метавонад бо мақсади рушди ояндаи пешрафтаи худ ба кор барад. Дар марҳилаи муосир ин захираҳо бояд (дар ин ё он андоза) байни чор сегментҳои асосии макронизом: илмию техникӣ, таҳсилотӣ, сармоягузорӣ ва иттиллотӣ тақсим шаванд. Дар натиҷаи сегментатсияи мазкур векторҳои ташаккулёбии иқтидори илмию техникӣ, таҳсилотӣ, сармоягузорӣ ва иттилоотӣ муайян гардида, маҷмӯи ин сегментҳо бошад иқтидори инноватсионии макронизомро ташаккул медиҳад.

Бинобар ин, муносибате, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст, таҳти мафҳуми иқтидори инноватсионӣ на ҳамаи захираҳоеро, ки аз ҷониби ҷомеа дар рушди дурнамои худ истифода мебаранд, муайян месозад, балки танҳо ҳамон қисматеро муайян месозад, ки метавонад барои афзоиш додани ҳаҷмҳо ё беҳтарсозии сифати истеъмолоти ниҳоӣ истифода бурда шавад. Дар мавриди мазкур:

- сегменти илмию техникӣ пайдоиши инноватсияҳоро таъмин менамояд;
- сегменти таҳсилот ҷорикунии ибтидоӣ ва истеҳсоли минбаъдаи онро тавлид мекунад;
- сегменти сармоягузорӣ фаъолияти инноватсиониро бо олотҳои молиявӣ таъмин менамояд;
- сегменти иттилоотӣ ба пешбурди инноватсияҳо дар бозор ва мониторинги самараноки он имкон фароҳам меорад.

Дар ин замина ҳаҷми умумии иқтидори инноватсионии иқтисодиёти миллӣ ҳамчун натиҷаи маҷмӯии фаъолияти чор сегментҳои иқтидори инноватсионӣ: илм – таҳсилот – сармоягузориҳо – иттилоот муайян карда мешавад (расми 1).

Бинобар ин, муносибати методологие, ки дар таҳқиқ рушд дода мешавад, қодир аст ба таври муносиб на танҳо ин ё он муносибатҳо, балки

---

[5] Файзуллоев М.К. Оценка инновационного потенциала социально-экономического развития региона (статья)// Проблемы современной экономики: Евразийский международный научно-аналитический журнал. – 2013. – №3(47).-С. 369-373

ин ё он вазъиятҳоро инъикос намояд. Ин имкон медиҳад қонунияти рушди онҳо тавсиф дода шавад ва илова бар ин, самаранокии фаъолияти тамоми низомҳои иқтисодӣ дар маҷмӯъ муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми “иқтидори инноватсионӣ”, ба ақидаи мо, зарур аст ҳамчун қобилият ва омодагии низоми иқтисодӣ ба тағйир (трансформатсия) – и вазъи воқеъӣ ба вазъи нав бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи мавҷуда ва ҷадидан бавуҷудояндаи субъект – навоввар, истеъмолкун, давлат, бозор ва ғ. - муайян карда шавад. Илова бар ин, бакорбарии самараноки иқтидори инноватсионӣ имконяити трансформатсияро аз қобилияти ниҳонӣ ба воқеияти аёнӣ (яъне аз як вазъи иқтисод ба вазъи дигар, масалан, аз иқтисодиёти анъанавӣ ба иқтисодиёти иттилоотӣ) имконият фароҳам меорад. Аз ин рӯ, иқтидори инноватсиониро метавон ҳамчун тавсифи моҳиятии қобилияти низоми иқтисодӣ ба трансформатсия, беҳтарсозӣ ва пешрафт таъбир кард.




*Манбаъ: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст*

**Расми 1. Сохтори иқтидори инноватсионии низоми иқтисодӣ бо назардошти сегментҳои он**




***Манбаъ:*** *Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.*

***Расми 2.*** *Захираҳои иқтисодие, ки аз ҷониби ҷомеа дар рушди худ истифода мешавад*

Муқаррароти консепсияи Й. Шумпетерро таъбир намуда, метавон хулоса баровард, ки руши иқтисодӣ дорои нишондиҳандаҳои доимо динамикӣ буда, ба рушди иқтисодӣ бошад хислати дискретӣ хос аст. Аз ин ҷо метавон мавҷудияти тавсифоти фарққунандаи иқтидори инноватсионии рушдро (innovative potential of growth - IPD) аз иқтидори инноватсионии рушд (innovative development potential - IDP) фарқ кард. Минбаъд, ин

мавқеиятро рушд дода, метавон ба чунин хулоса омад, ки иқтидори инноватсионии рушд (IPD) ҳосила аз иқтидори инноватсионии рушд (IDP) мебошад ва онро метавон дар асоси тамсилаи аз ҷониби муаллиф ифодашуда ҳисоб кард:

$$F'idp(\sum_{i=1}^{i=1} xi) = Fipg(\sum_{i=n}^{i=1} xi)$$

Ба ин мантиқ пайравӣ карда, хусусияти дугонаи иқтидори инноватсионӣ зоҳир мешавад. Аввалан, он метавонад пешзаминаҳои рушди динамикӣ ва устувори иқтисодиро бунёд намояд.Баъдан, ҳангоми ба андозаи баланд расидани иқтидори инноватсионии рушд дар давраи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат онҳо метавонанд параметрҳои манфии иҷтимоию иқтисодӣ ва ассиметрияро дар иқтисодиёти алоҳида таъмин кунанд, ки бо сабаби таназзули иқтисодиёт, вайронашҷии уклади анъанавии технологӣ, афзоиши бекорӣ, пастравии сатҳи зиндагӣ ва даромадҳои аҳолӣ, таваррум, рукуд, стагфлятися ва ғ. рух медиҳанд.

Гуфтаҳои болоро дар рисола ҷамъбаст намуда собит карда шудааст, ки дар маънои васеъ иқтидори инноватсионӣ ҳамчун қобилияти низоми иқтисодӣ ба тарнсформатсия ва пешрафт, ва дар маънои танг – ҳамчун ҳаҷм ва сифати захираҳое, ки қобиланд рушди равандҳои инноватсиониро дар асоси фаъолноккунии фаъолияти инноватсионӣ таъмин намоянд, баромад мекунад.

**Дар чаҳорчӯби натиҷаи дуюми илмӣ муносибати такрористеҳсолӣ ба фаҳмиши иқтидори инноватсионӣ ба кор бурда шудааст.** Аз нуқтаи назари иқтисодӣ иқтидори инноватсионӣ бо ташаккулёбии шароити умумии такрористеҳсоли иқтисодиёти инноватсионӣ (СМИ) робита дорад. Дар навбати аввал ин имкон медиҳад,ки он ҳамчун омили рушди истеҳсолоти инноватсионӣ ба назар гирифта шавад.

Афзалиятҳои муносибати такрористеҳсолӣ ба фаҳмиши моҳияти иқтидори инноватсионӣ шароитро барои истифодабарии самарноки захираҳо ва технологияҳо асоснок намуда эҷод намуда, рушди муҳити рақобатию инноватсиониро ташвиқ мекунад, ба рушди иқтисодӣ дар стаҳҳои микро-мезо-ва макро низом муосидат менамояд. Қобилияти иқтисодиёти миллӣ ба ташаккул додан ва бакорбарии оқилонаю самаранокии сарвати андӯхашуда, меҳнати зинда ва моддигардонидашуда, омезиши оптималии он дар раванди истеҳсолот хусусияти моҳиятии вазъи иқтидори инноватсионӣ мебошад.

Бинобар ин, иқтидори инноватсионӣ - ин на танҳо захираҳои мавҷудаи фаъолияти инноватсионӣ, балки инчунин механизмҳои таъмини он мебошад.

Иқтидори инноватсионӣ, аз як тараф, қисмати иқтидори илмию техникӣ, аз тарафи дигар бошад, қисмати иқтидори иқтисодӣ мебошад, ки мавҷудияти амломатҳои бо ин низомҳо якҷинсаро тақозо дорад Иқтидори инноватсионӣ як қисмати иқтидори иқтисодӣ буда, ба эҷоди пешзаминаҳои умумии раванди такрористеҳсолӣ, шароити рушд ва рушди иқтисодӣ мусоидат намуда, ба сифати аломати назаррраси табиати иқтисодии онро муайянкунанда баромад мекунад.

Ҳамин тариқ, муносибати такрористеҳсолӣ ба фаҳмиши иқтидори инноватсионӣ имкониятҳои маблағгузории раванди ташаккулёбӣ ва татбиқии инноватсияҳоеро пешакӣ муайян месозад, ки дар робитаи мутақобилаи унсурҳои сохтории иқтидори ишорашуда кушода шуда, дар раванди навъи инноватсионии такрористеҳсол дарҷ мегарданд. Аз ин ҷо, робитаи мутақобилаи иқтидори инноватсионӣ бо рушд ва тараққиёти иқтисодӣ муайян мегардад, ки дар он дар асоси татбиқи иқтидори ишорашуда рушди босифати иқтисодӣ рушд ёфта, ба унсури муҳимтарини тараққиёти иқтисодӣ табдил меёбад.

Таҳқиқи гузаронидашуда аз мавқеъҳои нав боз як бори дигар собит месозад, ки рушди иқтисодӣ ва тараққиёти иқтисодӣ мафҳумҳои якмаъно нестанд. Рушди иқтисодӣ ҳаҷмноктар ва амиқтар буда, амалишавии он дар рушди босифати иқтисодӣ асос ёфтааст. Дар навбати худ, рушди босифати иқтисодӣ зимни ташаккулёбӣ ва истифодабарии самараноки иқтидори инноватсионии макронизоме имконпазир аст, ки рушдро дар асоси инноватсияҳо ва сифати нави омилҳои истеҳсолоти афзоиши ММД-и иқтидориро инъикоскунанда таъмин менамояд. Рушди босифати иқтисодӣ дар асоси иқтидори инноватсионӣ усутвории иқтисодиёти миллиро таъмин намуда, мустақилияти онро аз тағйири омилҳои вазъи савдо собит месозад. Аз ин ҷо афзалиятҳо ва унсурҳои сохтории рушди миллии иқтисодии Тоҷикистон бармеоянд, ки онҳоро метавон ба таври зерин ифода кард (расми 3):




*Манбаъ: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст*

***Расми 3. Афзалиятҳо ва унсурҳои сохтории рушди миллии иқтисодии Тоҷикистон***

**Дар чаҳорчӯби натиҷаи сеюми илмӣ** такмили механизми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ муайян карда шудааст

Дар шароити бозор тағйир ёфтани шароити объективии истеҳсолот, муносибатҳои тағйирёбии истеҳсолот, ки ба талаб такмили механизми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ, ки аксари онҳо муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ, ки ғайр муносибатҳоро дар раванди идоракунии нерӯи инноватсионӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, механизми идоракунии инноватсия дар шароити дигаргуншавии бозор системаи holistic, ки дар бар мегирад, plurality аз фишангҳои гуногуни ба ҳам алоқаманди, ҳамоҳангсоз ва танзими фаъолият ва рушди иқтисодиёт дар шароити ташаккул ва рушди нерӯи инноватсионӣ мебошад.

Мавҷудияти механизми чунин имконпазир танҳо он аст, ки ҳадафҳо барои татбиқи он, дар асл, ин механизми ташкилёфта вуҷуд дорад. Барои механизми идоракунии равандҳои ташаккули иқтидорҳои инноватсионӣ барои таъмини самарабахш, шароити муносиби иқтисодӣ ва ташкилӣ зарур аст[6].

Омӯзиши таҷрибаи таъсис ва фаъолияти механизмҳои монанд дар кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки нақши давлат дар ҳалли зуҳур дар рафти мушкилоти табдили иқтисодӣ хеле баланд аст. Пеш аз ҳама, диққати давлат бояд ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ бошад, таъсис додани заминаи ҳуқуқии самаранок ва барои иқтисоди бозаргонӣ, ташаккули низоми молиявӣ нерӯи илмӣ ва техникӣ, ки ба рушди илм бунёдӣ аст, ки ба рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ ивазнашаванда.

Бояд қайд кард, ки сиёсати мутавозуни ва хуб фикр берун давлат дар раванди механизми идоракунии инноватсия мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва самаранокии қувваҳои бозор дар иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои нави инноватсионӣ. Асос барои бунёди механизми идоракунии равандҳои ташаккулёбии иқтидорҳои инноватсионӣ дар зерҳои асосии зерин оварда шудааст:

- Равандҳои инноватсионӣ дар ҳаракати мунтазам ва тағйирёбанда, системаи идоракунандаи онҳо як блогро намояндагӣ мекунанд, ки дар он ҳамаи равандҳо бо ҳам алоқаманданд;
- идоракунии иқтидори инноватсионӣ бо зиддиятҳои дохилӣ, ки дар байни наврасон ва нав шинос мешаванд;
- Фаъолияти инноватсионӣ дар шаклҳои ташкилӣ, ки бо устувории муайян муайян карда мешавад;
- Низоми идоракунии иқтидори инноватсионӣ рушди босуръат ва мутаносиби иқтисодиётро таъмин мекунад;

---

[6] Комилов С.Дж., Алиева Г.Ш. Инновационный менеджмент. Учебник (дополненное и переработанное издание ) на таджикском языке, ТГУ., Душанбе – 2016 г. 396 стр.

- идоракунӣ барҳам додани усули беиҷозат ба қабули қарорҳои инноватсионӣ ва гузаштан ба усулҳои муосир дар асоси дониш ва истифодаи имкониятҳои имконпазири имконпазир мебошад.

Механизме, ки дар ҳақиқат амал мекунад, ҳамеша мушаххас аст, зеро он ба ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас тавассути таъсири омилҳои муайян равона карда шудааст ва ин бо истифодаи захираҳои мавҷуда амалӣ карда мешавад.

Механизатсия ҳар вақт ҳалли инноватсионӣ бо ҳамоҳангсозии ҳамаи унсурҳои асосии он қабул карда мешавад.

Муносибатҳои механизмҳои идоракунии иқтидори инноватсионӣ дар фаъолияти дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат. Ин гурӯҳбандӣ ба ҳадаф ва таҳияи он асос ёфтааст. Ҳамин тариқ, идоракунии стратегӣ бо ҳадафҳои дарозмуддат машғул аст, ва бо ин мақсад, дар ташаккули механизмҳои амалии дарозмуддат вобастагӣ дорад[7].

Муносибати системавӣ дар тафсири муосир имкон медиҳад, ки ташкилот, сифат ва самаранокии идоракунии иқтидори инноватсионӣ тақвият дода шавад. Муносибати системавӣ - фалсафаи идоракунӣ ва усули зинда дар иқтисодиёти бозорӣ мебошад[8].

Системаи идоракунии иқтидори инноватсионӣ метавонад ҳамчун системаи ташкилию технологӣ ифода гардад. Дар доираи имкониятҳои инноватсионӣ системаи идоракунии бояд чун системаи таълим ва қабули қарорҳои равона дастгирии рушд ва табдили ин бино ба як омили ҳалкунанда барои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии фаҳмида. Идоракунии инноватсионӣ вариантҳои зиёд дорад ин маънои онро дорад, маҷмӯи стандартҳо ва таркиби чандирӣ ва асолати аз шеваҳои гуногуни амал дар вазъияти махсус. Ҳамин тавр, идоракунии инноватсионӣ бояд ба дониши расмиёти стандартӣ, дар асоси қобилияти зуд ва дуруст арзёбӣ вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар кишвар, давлат ба ҷойи бозор ва мавқеи онро истеҳсол мол ва хизматрасонӣ, инчунин маҳорати касбии кормандони маъмурӣ.

**Дар чаҳорчӯби натиҷаи ҷоруми илмӣ** робитаи бевосита байни сатҳи иқтидори инноватсионӣ ва амнияти инноватсионӣ ҳамчун унсури муҳимтарини амнияти умумии иқтисодӣ муайян карда шудааст.

Вобастагии афзоишёбандаи рушди иқтисодӣ аз параметрҳои рушди инноватсионӣ, аз як тараф, ва ҳаракати бемайлон ба сӯи баланд шудани нақши таъмини иқтисодии амнияти миллӣ, аз тарафи дигар, аҳамияти таркиби инноватсиониро дар рушди иқтисодиёти миллӣ тақвият медиҳанд. Ба назари мо, имрӯз ба қисматҳо ҷудо кардан ва тафсили

[7] Комилов С.Дж. Основы формирования инновационной инфраструктуры национальной экономики //Материалы республиканской научно-практической конференции, Организационно-экономические основы формирования и развития инновационной экономики, 19мая 2017.
[8] Комилов С.Дж., Алиева Г.Ш. Инновационный менеджмент. Учебник (дополненное и переработанное издание ) на таджикском языке, ТГУ., Душанбе – 2016.

амиқтари омили инноватсионӣ дар консепсияи умумии амнияти миллӣ, эҳтимолан, то таҳияи консепсияи худии амнияти инноватсионии давлат талаб карда мешавад.

Дар кор собит карда мешавад, ки коркарди консептуалии проблемаи амнияти инноватсионӣ дар марҳилаи анҷомнаёфта ва ба таври кофӣ номуайян қарор дорад. Ин, дар баробари бисёргиҳо, бо нокомилии коркарди проблемаи "тавозуни қувваҳо", симметрияҳо ва ассиметрияҳо дар соҳаи вобастагии мутақобилаи давлатҳо, ҷустуҷӯи нокофии арзишҳои остонавии истифодаи иқтидори инноватсионӣ робита дорад.

Дар таҳқиқоти бахшида ба проблемаҳои амнияти иқтисодии давлат дар фазои пасазшӯравӣ самтҳои илмӣ ташаккул ёфта, методологияи омӯзиши амнияти иқтисодӣ таҳия шуда, амалан дастгоҳи мафҳумӣ ва сохтори категорияи "амнияти иқтисодӣ" дар сатҳои макро ва микро ташаккул ёфтаанд[9]. Ягона чизе, ки ҳанӯз ақидаҳои олимон бо ҳам мувофиқ нестанд, – ин дар ҳамтобеиятии мафҳумҳо байни ҳамдигар ва иерархияи намудҳои амният мебошад. Ба мақсад мувофиқтар мешуд агар ба амнияти ҳарбӣ, озуқаворӣ, экологӣ, илмию техникӣ, технологӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, нақлиётӣ амнияти инноватсионӣ илова карда шавад (расми 4).




***Расми 4. Таснифи намудҳои амнияти иқтисодӣ***

Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он вазифаи сохтани низоми самараноки миллии инноватсионӣ (СМИ) гузошта шудааст, таъмини амнияти инноватсионӣ ба проблемаи актуалӣ таблил ёфтааст. Қайд мекунем, ки бисёре аз мутахассисон амнияти инноватсиониро бо амнияти илмию техникӣ ё технологӣ айният медиҳанд[10]. Бо назардошти он ки чархаи инноватсионӣ дар маънои том вазъи илм, техника ва технология, истеҳсолот ва бозорро инъикос менамояд, ва худи инноватсияҳо воситаи ноилшавӣ ба рақобатпазирии баланди иқтисодиёт мебошанд, амнияти инноватсиониро бояд ҳамчун қисми таркибии

---

[9] Файзуллоев М.К. Анализ современного состояния и перспективы развития инновационного потенциала национальной экономики// Вестник университета, 2016.№2(53)

[10] Файзуллоев М.К. Проблемы развития инноваций в Республике Таджикистан// Технологическая перспектива в рамках Евразийского пространства: новые рынки и точки экономического роста. Материалы 2-ой Международной научной конференции. Санкт-Петербург, 20-22 октября 2016 года. - СПб., Издательство Астерион, 2016. -470с.

амнияти иқтисодӣ шарҳ дод. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хароҷот барои илм аз буҷети давлатӣ дар динамикаи доимо афзоянда қарор дорад (ҷаддвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Хароҷот барои илм аз буҷети давлатии ҶТ дар солҳои 2009 – 2016**

| | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
| ММД ҶТ | 2804,4 | 7706,9 | 20628,5 | 24707,1 | 30071,1 | 36163,1 | 40524,5 | 5,6 |
| Хароҷот барои илм аз буҷети давлатии ҶТ | 14,81 | 19,77 | 21,32 | 22,02 | 28,04 | 38,85 | 41,49 | 2,21 |
| Ҳиссаи ММД дар илм (%) | 0,12 | 0,11 | 0,10 | 0,089 | 0,093 | 0,107 | 0,102 | 0,136 |

***Манбаъ: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст дар асоси - Солномаи омории Агентии омории назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2017. С. 15.***

Дар асоси ин мулоҳизаҳо, ба мафҳуми амнияти инноватсионӣ бояд ду зернизомҳои бо ҳамдигар муртабит ва ҳамдигарро пурракунанда шомил кард:

- зернизоми объектҳои амнияти инноватсионӣ: илм ва кадрҳо, техника ва технология, маҳсулот ва хизматрасонӣ, фурӯш ва истифодаи тиҷоратӣ;
- зернизоми хизматрасон: сармоягузориҳо, идора (менеҷмент), маркетинг.

Тибқи таркиботи номбаршуда, категорияи амнияти инноватсионӣ комплексӣ буда, бояд ҳамчун низом ба назар гирифта шавад. Дар айни замон комилан равост, ки ҳар яке аз ҷузъҳо ба таври алоҳида (ҳамчун унсури таркибӣ) мавриди таҳлил қарор гирад. Таҳти амнияти инноватсионӣ, ба назаари мо, бояд вазъи маҳфузияти иқтисодиёте фаҳмида шавад, ки зудҳаракатӣ ва рақобатпазирии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ, ҷорикунии ин натиҷаҳо дар фаъолияти истеҳсолӣ, таъмини қобилияти иқтисодиёт ба рушди устувор ва муҳофизат аз омилҳои манфии бозорҳои глобалии ҷаҳониро таъмин менамояд.

**Дар чаҳочӯби натиҷаи панчуми илмӣ** омилҳое муайян карда мешаванд, ки ба ташаккулёбии иқтидори инноватсионӣ мусоидат намуда маҳдуд месозанд, ва чун натиҷа, ба инкишоаи босифати иқтисодиёти Тоҷикистон дар чаҳорчӯби сохтани СМИ – и самаранок амалкунанда таъсир мерасонанд.

Вазъи кунунии иқтисодиёти миллӣ маҳдуднокии манбаъҳои маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ, ташаккулнаёфтагии бозори инновастияҳоро нишон медиҳад. Илова бар ин, чунин вазъ ба мавҷудияти "гурӯҳҳои фишор" – и бевосита ба боқӣ мондани конфигуратсияи иқтисодиёти анъанавӣ манфиатдор мусоидат менамояд.

Пайвастагии "гурӯҳҳои фишор" бо бюрокартияи бисёрқабата ба монеаи душворгузари рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ табдил меёбад. Дар ташаккулёбии самараноки иқтидори инноватсионии иқтисодиёти миллӣ нақши калонро сифати институтҳои давлатӣ мебозад.

Ба онҳо, пеш аз ҳама, ошкорбаёнӣ ва ҳисоботдиҳӣ, суботи сиёсӣ, самаранокии кори ҳукумат, сифати қонунгузорӣ, дараҷаи волоияти қонунҳо, сатҳи коррупсия мансубанд.

**Ҷадвали 2[11].**

**Таҳлили муқоисавии индикаторҳои сифати институтҳои давлатӣ**

| Кишварҳо | Ошкорбаёнӣ ва ҳисоботдиҳӣ | Суботи сиёсӣ | Кори ҳукумат | Сифати қонунгузорӣ | Сатҳи волоияти қонунҳо | Сатҳи коррупсия |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шветсия | 1,5 | 1,1 | 1,9 | 1,6 | 1,9 | 2,2 |
| Финляндия | 1,4 | 1,3 | 1,9 | 1,5 | 1,8 | 2,3 |
| Швейтсария | 1,4 | 1,2 | 2,0 | 1,6 | 1,8 | 2,1 |
| ИМА | 1,1 | 0,5 | 1,6 | 1,5 | 1,6 | 1,5 |
| Тайван | 0,7 | 0,7 | 0,8 | 1,0 | 0,7 | 0,5 |
| Дания | 1,4 | 1,0 | 2,1 | 1,8 | 1,9 | 2,3 |
| Канада | 1,4 | 1,0 | 1,9 | 1,6 | 1,8 | 2,0 |
| Кореяи Ҷанубӣ | 0,5 | 0,4 | 1,2 | 0,7 | 0,7 | 0,4 |
| Италия | 0,9 | 0,4 | 0,3 | 0,9 | 0,4 | 0,1 |
| Россия – мақоми 91 | - 097 | -0,62 | -0,32 | -0,56 | -0,91 | -0,98 |
| Украина | - | - | - | - | - | - |
| Тоҷикистон – мақоми 114 | - 1,32 | -0,74 | - 0,88 | -0,97 | - 1,12 | - 0,99 |
| Чад – мақоми 156 | - | - | - | - | - | - |

